# ТАҚРИЗ

ба автореферати Орифов Орзу Обидхуҷаевич бо унвони “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Дар рисолаи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» яке аз проблемаҳои муҳими методикаи таълими забонҳои хориҷӣ-проблемаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия мавқеи худро доир ба роҳҳои наву самарбахши ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён бо ҳалли баъзе мушкилоти таълимӣ дар раванди таълими забони англисӣ дуруст муайян кардааст.Дар ин кори илмӣ муаллиф масъалаи ангеза ё ҳавасмандии донишҷӯёнро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки ин нукта дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ мавқеи калидӣ дорад.

Дар замони муоссир барои ҳар як мутахассис дар баробари дониши хуби забони модарӣ (тоҷикӣ) донистани ҳадди ақал ду забони хориҷӣ ба манфиати кор хоҳад буд. Дониши хуби забони англисӣ барои мутахассис дари илм, фарҳанг, адабиёт, технологияҳои нав ва ғайраро мекушояд.

Дар автореферати диссертатсия аҳамияти назарявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ бо он ифода гардидааст, ки муҳаққиқ ҷиҳати назарявии масъаларо бо таҳлили ақидаҳои олимони барҷастаи ҳам дохил ва ҳам хориҷи кишвар амиқ омухта, хулосаҳои худро барои ҳалли проблемаҳои таълими забони англисӣ ва ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён илман асоснок карда ҳалли онро пешниҳод намудааст.

Дар замони муоссир Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фазои ҷаҳонии таҳсилот,, ва иттилоот ворид гардидаасту мо дар раванди байналмилаликунонии таҳсилот қарор дорем, бе дониши хуби забони англисӣ, ки дар дунё ҳамчун забони илм ва ҳамчун забони муоширати миёни халқҳои олам эътироф гардидааст, масъалаи ҳалли мушкилоти таълими забони англисӣ, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва ташаккули салоҳиятҳои нутқии донишҷӯн аз масъалаҳои муҳими методикаи таълим мебошад. Ҳамин нуқта мубрамияти таҳқиқоти диссертасионии мазкурро дучанд менамояд.

Кори диссертатсионии мазкур аз муқаддима,ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат буда, қисмати назарявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшавандаро пурра дар бар гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия - “Асосҳои илмӣ-назариявии пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар раванди таълими забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён”, боби дуюми дисертатсия - «Технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар таълими забони англисӣ” номгузорӣ шудаанд.

Дар автореферати кори рисолаи таҳқиқотӣ чунин норасоиҳоро номбар кардан мумкин аст:

1) Беҳтар мебуд агар муҳаққиқ омилҳои ангезаи баланди донишҷӯёнро дар омӯзиши забони англисӣ шарҳ медод.
2) Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои услубию техникӣ ба назар мерасанд.

Вале, хатогиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзишу аҳамияти кори диссертатсиониро коҳиш дода наметавонанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии олимони ватанию хориҷӣ муваффақ шуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа фикрҳои қолиброро барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта пешниҳод намудааст. Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия собит сохт, ки муаллифи он дар самти интихобнамудаи худ ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

Дар ҳаллу фасли вазифаҳои пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба тариқи васеъ истифода бурдааст. Муаллифи кори диссертатсионӣ оид ба адабиёти илмии зарурӣ барои таҳқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Аз нуқтаи назари ман муаллифи кори диссертатсионӣ таҳқиқи масъалаи мубраму душвор, махсусан вижагиҳои рафъи мушкилоти таълимиро дар омӯзиши забони англисӣ муваффақона ва дар ҳаҷми зарурӣ анҷом додааст.

Диссертатси мукаммал ва анҷомёфта буда, мазмуни он, хулосаҳои баёнгардида оид ба натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд хулоса намоем, ки мақсади гузошташудаи муаллиф амалӣ гардида, фарзия ҳалли мусбии худро ёфтааст. Автореферат ва маводҳои гуногуни ба табъ расонидаи муҳаққиқ мазмуни асосии кори диссертатсиониро пурра инъикос

мекунанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти илмии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи кори таҳқиқотӣ сазовори унвони номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Методисти Мактаби байналмилалии Президентӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович

Имзои НИП Ш.С.Мирзоевро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ Муассисаи таълимии давлатӣ Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе. — Исоев Амиршо Амирхонович

22.05.24.

Суроға
ш.Душанбе н.Сино, Карамов 101
Тел: (+992) 987505328
E-mail: rvmadad@mail.ru